# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» оид ба диссертатсияи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи «Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст.

Дар натиҷаи санҷиши кори диссертатсионии Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи «Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар ҳайати доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х.М. (раис); аъзоён: доктори илмҳои педагогӣ, профессор Хоҷаева М.Ҷ.; номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Олов С. ба хулосаи зерин омад:

1. Диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳод намудаи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи «Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», тадқиқоти мустақил, ҷамъбастшуда ва тахассусманд буда, ба талаботҳои ба диссертатсияҳои номзадии илмҳои педагогӣ мавҷудбуда комилан ҷавобгӯ аст. Дар кори мазкур муаммоҳои муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи кишвар баррасӣ гардидаанд, аз ҷумла: хусусиятҳои психологӣ-педагогии муносибати ангезандагии омӯзгорон ва самаранокии азхудкунии дониш, малака ва маҳоратҳои ба низом даровардашуда, қобилияти дарки вобастагии зуҳурот ва равандҳои педагогӣ муайян карда шудаанд; раванди ташаккули муносибати ангезандагии омӯзгорон дар такмили ихтисос, самтҳои бедорсозии шавқу ҳаваси омӯзгорон нисбат ба такмили ихтисос дар рушди ҳадафҳои стратегии таҳсилоти муосир тавсиф ёфтаанд; амсилаи такмили

ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар шароити ҷаҳонишавии низоми маориф коркард шудааст.

2. Диссертатсия аз ҷиҳати мазмун, моҳият ва расмиятдорорӣ ба талаботи бандҳои 31-33 «Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

3. Мавзуъ ва мундариҷаи кори диссертатсионнии Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04- Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқ аст ва ҷавобгӯи талабот ба Феҳрасти ихтисосҳо мебошад, ки аз рӯи он дараҷаи илмӣ, бо Қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

4. Ба натиҷаҳои назарраси ноилшудаи муаллиф, ки навгонии тадқиқотро муайян мекунад, нуктаҳои зеринро дохил намудан мумкин аст: моҳияти муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосири рушди маориф муайян карда шудаанд; шароитҳои психологию-педагогӣ ва таъсиркунанда ба ташаккули муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорон асоснок шудаанд; роҳҳои озмоишӣ – таҷрибавӣ ва санҷиши технологияи ташаккули муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорон дар низоми таҳсилот баррасӣ шуданд; шароитҳои педагогии ташкили умумияти низоми ташаккули муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосири раванди таҳсил амиқ гардид; меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо доир ба муайянсозии сатҳи муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар таълим муайян карда шуданд.

5. Мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда бомуваффақона ҳал карда шуда, натиҷа ва хулосаҳои диссертатсия асоснок ва боэътимоданд. Нуктаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд. Автореферат ва корҳои нашршуда мундариҷаи асосии

диссертатсияро инъикос менамоянд. Усулҳо ва методологияи истифодашуда ба мавзуи диссертатсия мувофиқанд.

6. Натиҷаҳои асосии илмӣ, хулосаҳо ва мазмуни диссертатсия дар 20 мақолаи илмии муаллиф инъикос шудаанд, ки 4 адади он дар маҷаллаҳои илмие, ки КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия тавсия додаанд, нашр шудаанд. Теъдоди чоп шудаи интишороти довталаб дар маҷаллаҳои тавсияшуда, ба банди 35 “Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ” мувофиқанд.

7. Дар кори диссертатсионӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Каримӣ Ш.А. маълумотҳои нодуруст ҷой надоранд.

Умуман, кори диссертатсионии Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи «Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», тадқиқоти тахассусии ҷамъбастшуда ва мустақилона иҷрошуда буда, ҳалли мушкилоти мубрам ва муҳими педагогиро пешниҳод менамояд ва ба талаботи Низомномаи “Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Бо дарназардошти банди 53 “Низомномаи шурои диссертатсионӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, комиссияи экспертӣ тавсия медиҳад:

1. Кори диссертатсионии Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи «Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04- Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст, ба ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмии зерин таъин карда шаванд:

1. **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МТД «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», узви шуро.

2. **Ҷалилова Мавлуда Наҷмудиновна** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.**

3. Ба ҳайси **Муассисаи пешбар: Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** таъин карда шавад.

4. Ба чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

5. Ба ҷойгир кардани эълон дар бораи ҳимоя дар сомонаи МТД «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — Сабурӣ Хайрулло Мирзозода

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — Хоҷаева Мубина Ҷалоловна
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Олов Саидмаҳмад

Имзоҳои Сабурӣ Х., Хоҷаева М. ва Олов С.-ро тасдиқ мекунам
Сардори РК ва КМ МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» — Наврузов Э.М.
27.10.2023